Подкасти лоиҳаи GEFF Тоҷикистон #4: Бунёди боғҳо дар нишебиҳо

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Хуш омадед ба эпизоди 4-уми силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон! Мо равшаниандозии масъалаҳои таъсири иқлим ва роҳҳои ҳалли «сабз»-ро, ки барои шароитҳои Тоҷикистон мувофиқанд, идома медиҳем.

Мувофиқи маълумотҳои Конвенсияи Чаҳорчӯбавии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, осебпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омилҳои тағйирёбии иқлим хело баланд мебошад, зеро дар соли 2050 ҳарорат дар ҷумҳурӣ аз 1,8 ° C то 2,9 ° C афзоиш мeёбад. Агар ин пешгӯиҳо татбиқи худро ёбанд, он гоҳ оқибатҳои тағйирёбии иқлим ба захираҳои обии мамлакат, соҳаи кишоварзӣ, инфрасохтори нақлиёт ва тандурустии аҳолӣ таъсири манфӣ хоҳад расонд.

Сармоягузориҳо ба иқтисодиёти сабз барои рушди иқтисодӣ ва муҳити зист бисёр муфид мебошанд. Онҳо ба ихтисор гардидани партови газҳои гулхонавӣ аз ҳисоби баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ ва самаранокии захиравӣ мусоидат менамоянд. Лоиҳаи GEFF Тоҷикистон технологияҳои пурсамари «сабз»-ро, ки ба афзоиш додани маблағгузории иқлими Тоҷикистон равона шудаанд, дастгирӣ менамояд. Он аз ҳисоби сарфа намудани хароҷот, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва беҳсозии сатҳи зиндагонӣ ба сармоягузорон таъсири мустақим дорад. Лоиҳаи GEFF бо мақсади фаро гирифтани корхонаҳои хурд ва шахсони воқеӣ ҳамкориро бо шарикони ташкилотҳои молиявӣ ба роҳ мондааст.

Силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ба масъалаҳои агробизнес ва занҷираи бунёди арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ бахшида шудааст. Дар он сӯҳбатҳо бо мутахассисони маҳаллӣ, инчунин бо агрономҳо ва муҳандисон пешниҳод шудаанд.

Ман Азиз Ғафоров, мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ҳастам. Дар шумораи гузаштаи силсилаи подкастҳо мо масъалаи сардхонаҳо ва чӣ тавр нигоҳ доштану сардкунии маҳсулотро баррасӣ намуда будем. Подкасти пешина барои зеркашӣ намудан дар сомонаи мо бо суроғаи www.ebrdgeff.com/tajikistan дастрас мебошад.

Подкасти имрӯза ба масъалаи бунёди боғҳо дар нишебиҳо бахшида шудааст. Яке аз вазифаҳои муҳим дар соҳаи кишоварзӣ – ин зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли мевагиҳо ва буттамеваҳо мебошад. Парвариши дарахтони мевадиҳанда алалхусус дар мамлакатҳои кӯҳӣ, ки дар он ҷойҳо норасоии заминҳои корам ба назар мерасанд, аҳамияти муҳим дорад. Меҳмони имрӯзаи мо, Ҷамшед Бобоалиев, мутахассис оид ба маблагғузории соҳаи кишоварзӣ GEFF Тоҷикистон, барои бартариҳои боғҳо дар нишебиҳо ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба рақобатпазирии занҷири арзиши кишоварзӣ ва беҳтарсозии устувории иқлим дар Тоҷикистон нақл хоҳанд кард.

Чуноне, ки ба ҳамаи мо маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боғҳои зиёде мавҷуданд. Ҷамшед, Шумо гуфта метавонед, ки маҳз кадом омил ба беҳамтоии боғ дар нишебиҳо сабаб мешавад ва барои чӣ онро инноватсионӣ арзёбӣ бояд кард?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ассалому алейкум, пеш аз ҳама, парвариш ва истифодаи дарахтони мевадиҳанда, алалхусус дар мамлакатҳои кӯҳӣ, ки дар он ҷойҳо норасоии заминҳои корам ба назар мерасанд, аҳамияти муҳим дорад. Аз давраҳои пеш, деҳқонон дар шароити кӯҳсор дар нишебиҳо, заминҳои лалмии аз боришот нимтаъмин, ки он ҷо парвариши сабзавоту пахта имконнопазир буд, боғу токзорҳои андозаашон хурдро бунёд ва парвариш менамуданд. Ин амал комилан нав нест. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, аз 143,1 ҳазор километри мураббаъ ҳамагӣ 7%-ашро заминҳои ҳамвор, доманакӯҳҳо ва

нишебиҳои наздикӯҳӣ ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, боғпарварӣ дар Тоҷикистон бояд асосан дар минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ рушд намояд.

Деҳқонон бо чунин намуди парвариш аллакай шиносанд. Аз тарафи дигар, онҳо доир ба парвариши дарахтон дар заминҳои обёришаванда, ки иқлими он маҳал ба парвариши пахта номусоид аст, таҷриба доранд. Бунёдсозии боғ дар нишебиҳо бо сабабҳои ҷойдоштаи муаммоҳои обёрӣ на он қадар маъмул буд. Деҳқонон боғҳои худро ба таври дастӣ об мемонданд.

Вале солҳои охир чунин ба назар мерасад, ки деҳқонон ба азхудкунии заминҳои минтақаҳои дурдасти кӯҳӣ шурӯъ намудаанд. Ин қисман бо барномаи нав, яъне «Барномаи рушди боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», ки истифодабарии заминҳои корами ҳамворро барои бунёди боғҳо манъ менамояд, алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз танҳо дар заминҳои лалмӣ, ки дар бисёр маврид аз нишебиву адирҳо иборатанд, бунёди намудани боғҳо иҷозат дода шудааст.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Шумо метавонед бигӯед, ки технологияи мазкур ё тарзи шинонидани ниҳолҳо дар нишебиҳо нисбат ба усули парвариши боғҳо дар заминҳои ҳамвор дар чист? Барои деҳқононе, ки оянда дар нишебиҳо шумораи корҳои саҳроиро вусъат доданиянд, чиро барои деҳқонон ҳамчун омили ҳавасмандкунанда метавон ҳисоб кард?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бартарии асосии шинонидани дарахтон дар нишебиҳо асосан оид ба пешгирии эрозияи хок арзёбӣ мегардад. Дар заминҳои ҳамвор хоки ҳосилхез нисбат ба хоки заминҳои нишеб камтар ба эрозияи шамолӣ дучор мегардад. Ин аз физикаи ибтидоӣ ба мо маълум аст. Барои пешгирии чунин ҳолатҳои эрозионӣ, ки ба осебёбии инфрасохтор оварда мерасонанд, ҳукумат бояд ба сохтани габионҳо ва террасаҳо шуруъ намуда, аз санг, хишт ё бетон деворҳои ҳимоявӣ бисозанд. Вале агар деҳқон ниҳол шинонаду байни қаторҳо бо истифода аз кишти юнучқаву гандум, инчунин аз воситаҳои агротехникии террасакунӣ истифода барад, дар ин ҳолат чунин технологияи бунёди боғҳо на танҳо эрозияи хокро пешгирӣ мекунанд, балки боз барои деҳқон манбаи даромади иловагӣ шуда метавонад.

Чуноне, ки ман дар боло гуфта гузаштам, барномаи қабулшуда оид ба боғу токпарварӣ ба деҳқонон бунёди боғҳои муқаррариро дар заминҳои ҳамвор манъ намудааст. Ҳамин тавр, интихоб байни бунёди боғҳои интенсивии мевадиҳанда, ки хароҷоти ибтидоии зиёдро талаб менамояд ё худ шинонидани ниҳолҳоро дар нишебиҳо, истодааст.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бале, фикри Шумо дуруст аст. Шумо дар бораи парвариши дарахтон  бо кишти юнучқа ё гандум дар байни қаторҳо гуфта гузаштед. Шумо аниқтар чиро дар назар доштед ва чаро эрозияи хок барои хоҷагиҳо як муаммои ҷиддӣ ба шумор меравад?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Эрозияи хок одатан баъд аз боришоти шадид, яъне дар натиҷаи энергияи кинетикии қатраҳои борон ба амал меояд ва тавассути як қатор омилҳо, аз ҷумла дараҷаи инфилтратсияи хок, пастхамии замин ва ғайраҳо таъсири худро мерасонад. Савол ба миён меояд, ки дарахтон ва буттазорҳо умуман барои

чӣ лозиманд? Системаи решагии онҳо хокро мустаҳкам нигоҳ дошта, баргҳояшон таъсири энергияи кинетикии боронро кам менамоянд.

Муаммои эрозияи хокҳои боғҳои мевадиҳанда дар заминҳои нишеби Тоҷикистон нисбат ба оне, ки фикр мекунем, ҷиддитар аст. Дар аввалҳои фасли баҳор ва тирамоҳ миқдори зиёди боронҳои шадид ба назар мерасад. Дар нишебзаминҳо аз маҷрои оби борон дар сатҳи замин ногузир аст ва дар чунин ҳолат хавфи талаф ёфтани қабати болоии ҳосилхези замин ба миён меояд. Хавф аз он сабаб, зиёд мешавад ки дар бисёре аз боғҳои Тоҷикистон дар ин мавсим алафи зиёде насабзидааст, алалхусус агар дар фасли тобистон коркарди замин гузаронида шуда бошад.

Табиатан бисёре аз намудҳои хокҳо, зуд шусташаванда мебошанд. Хавфи аз ҳама зиёди эрозияи хок одатан дар қитъаи нави боғи мевадиҳанда ба назар мерасад, ки он ҳангоми коркарди агротехникии хок пеш аз шинонидани ниҳолҳо гузаронида шудааст.

Дигар раванди ҷиддӣ – ин аз тарафи об оҳиста-оҳиста шуста шудани қисми болоии ҳосилхези хок мебошад, ки дар ин маврид об дар сатҳи хок ҷорӣ мешавад. Ин намуди эрозия ҳамчун «эрозияи қабатӣ» маъмул аст. Он, ҳамчун омили идоранашаванда, солҳои зиёд тӯл кашида, сатҳи хокро дар замини боғ паст намуда, хокро дар заҳбурҳо ва ҷӯйборҳои ба хати ҳудуди боғ мувозӣ боқӣ мегузорад. Талаф додани қисми болоии хок дар боғҳо бисёр ҳам масъалаи ҷиддист, зеро он ҳамчун қисми ҳосилхези замин ба шумор меравад. Мунтазам шусташавии сатҳи хок боз маънои онро дорад, ки ҳангоми нармкунии байни қаторҳои боғ эҳтимолияти ба решаи ниҳолҳо осеб расидан ба миён меояд. Дар ин ҳолат усули аз рӯи контур шинонидани ниҳолҳо метавонад ба камшавии эрозияи хоки боғҳо кӯмак расонад..

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бисёр ҷавоби ҷолиб буд, ташаккур. Мегуфтед, ки то кадом дараҷаи нишебнокӣ деҳқонон метавонанд террасаҳо бунёд намоянд?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Тавре мутахассисони соҳаи хокшиносӣ қайд мекунанд, дар нишебиҳои зиёд раванди террасакунонӣ суръати баланд мегирад. Дар чунин нишебиҳои тез, албатта, барои бо усули муқаррари ё ромбшакл шинонидани ниҳолҳо мувофиқ нестанд. Ин маънои онро дорад, ки дар нишебиҳои кунҷашон зиёд бунёд намудани боғ тавсия дода намешавад, дар сурате, ки агар ягон ҷойи дигари мувофиқ мавҷуд бошад.

Аз нигоҳи дигар, дар нишебиҳои нисбатан мувофиқ террасакунии боғҳо ба таври кофӣ рушд ёфта бе мушкилиҳо бунёд шудаистодааст. Ҳамзамон, ин омил сабаби кам шудани хароҷотҳои агротехникӣ низ шуда метавонад. То як андоза бунёд намудани террасаҳо миқдори маҷрои ҷоришавии обҳоро дар сатҳи замин кам мегардонад. Бори дигар бояд гуфта гузарем, ки қабати хуби алафноки хокро бо роҳи ғизодиҳӣ бо суперфосфат ва ҳарчӣ бештар бо кишти зироатҳои омехта нигох доштан лозим аст. Ба ин гуна чорабиниҳо бояд диққати ҷиддӣ диҳем.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Дар шароити заминҳои лалмии Тоҷикистон оид ба ҳосилнокӣ чӣ гуна рақамҳои омориро мисол овардан мумкин аст?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Аз заминҳои лалмии Тоҷикистон, ки масоҳаташон даҳҳо ҳазор гектарро ташкил медиҳанд, ҳосили хуби меваҳои хушсифатро, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии Ҷумҳуриамон кофист, ба даст овардан мумкин аст. Тибқи маълумотҳои Раёсати растанипарварии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли ҷорӣ 119 ҳазору 954 тонна мева ва 4 ҳазору 817 тонна ангур ҷамъоварӣ гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 ҳазору 341 тонна зиёд мева ва 1 ҳазору 512 тонна зиёд ангурро ташкил медиҳад. Кишоварзони вилояти Хатлон 50 ҳазору 719 тонна мева ва 3 ҳазору 938 тонна ангур; вилояти Суғд - 62 ҳазору 900 тонна мева ва 200 тонна ангур; ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурӣ- 6 ҳазору 335 тонна мева ва 679 тонна ангур ҷамъоварӣ намуданд, ки ҳадди ақал 80%-и он дар заминҳои нишеб парвариш ёфтаанд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ҷамшед, ташаккур барои ибрози ақидаҳоятон. Оё Шумо метавонед хароҷоти ин гуна чорабиниҳои агротехникиро дар заминҳои нишеб ба таври дақиқтар шарҳ диҳед?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Албатта, ки ба ин савол ҷавоби аниқ додан мушкил аст. Бунёди боғҳои мевадиҳанда дар нишебӣ комилан аз хоҳишу талаботи худи деҳқон вобаста аст. Нархи як бех ниҳол аз 5 то 50 сомониро ташкил медиҳад, агар ниҳолҳоро бо усули муқаррарӣ шинондани бошад, дар ин ҳолат барои 1 гектар замин тақрибан 200-250 бех ниҳолро бояд харидорӣ намояд. Барои 1 гектар боғи мевадиҳандаи муосири интенсивӣ бошад, тақрибан 2500 бех ниҳол лозим мешавад. Тухми юнучқа бошад, атрофи 350-450 сомонӣ барои 1 гектар арзиш дорад. Барои гузаронидани корҳои агротехникӣ бояд роҳҳо ва инчунин нишебии мӯътадил мавҷуд бошанд, дар дигар ҳолат, баръакс ҳама корҳо оид ба шинонидану парвариши ниҳолҳо бояд дастӣ иҷро карда шаванд. Ҳамаи ин омилҳоро бояд ба эътибор гирем, чунки онҳо аз рӯи нарх вобаста ба минтақаҳо гуногунанд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Сипоси бепоён ба Шумо, Бобоалиев, ки омадед ва дар бораи таҷрибаву фикрҳои худ ба мо гуфтед. Умед дорем, ки ин маълумотҳо ба шунавандагони мо имконият медиҳанд, то ки бартариҳои парвариши боғҳоро дар нишебиҳо фаҳмида, дар оянда ба таври зарурӣ амал намоянд.

Ҳозир бошад, ҳамкори ман доир ба таҷрибаи муваффақи деҳқони маҳаллӣ, ки бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва даромади худ ба бунёдсозии боғ дар нишебиҳо маблағгузорӣ намудааст, маълумот медиҳанд. Кароматулло Исматов соҳиби 3,8 гектар замин буда, 20 сол мешавад, ки бо кишоварзӣ машғул аст. Хоҷагии ӯ дар ноҳияи Турсунзада, ки бо ангурҳои худ бисёр машҳур аст, ҷойгир шудааст. Лутфан дар бораи ин таҷрибаи муваффақ муфассалтар гуфта мегузаштед.

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Салом, бо камоли хурсандӣ. Кароматулло Исматов ба яке аз бонкҳо – шарикони Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд барои гирифтани қарз муроҷиат намуд. Ҳамин тавр, Кароматулло Исматов барои харидории ниҳолҳо ва шинонидани онҳо соҳиби маблағҳои қарзӣ гардид. Аз рӯи ҳисобҳои пешакии ӯ барои ҷамъоварӣ намудани ҳосили якуми ангур аз 4 то 5 сол лозим аст ва имконият мавҷуд аст, ки ҳосил метавонад то 20 тонна расонида шавад. Инчунин ӯ дар байни қаторҳои ангур юнучқа ва тарбуз кишт намуд, то ки дигар хароҷотҳоро рӯйпӯш намояд.

Боғи мевадиҳандаи ба наздикӣ бунёднамуда хокро аз эрозияшавӣ ва селхокҳо, ки дар гузашта ба хонаҳои деҳоти дар зери шафати нишебиҳо мавҷудбуда осеб мерасониданд, нигоҳ медорад. Ба шарофати лоиҳа ҳар сол камшавии эрозия ба миқдори то 5,34 тонна таъмин карда мешавад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Иловатан бояд гуфт, ки ба Исматов аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағҳои грантӣ дар ҳаҷми 30% пешниҳод шуданд, ки ин дастрасии деҳқононро ба маблағ осонтар мегардонад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

«Чунин маблағгузориҳо барои пешгирии эрозияи хок ва таъмини устувории заминҳо барои соҳаи кишоварзӣ бисёр муҳим мебошанд. Боғи нави мевадиҳанда дар нишебиҳо бехатарӣ ва истифодаи минбаъдаи заминҳои лалмиро дар зери шафати адирҳо таъмин менамояд» - гуфт Кароматулло Исматов.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бисёр ҷолиб. Инак, ташаккур барои чунин таҷрибаи илҳомбахш. Мехостам таъкид намоям, ки Барномаи маблағгузории иқтисоди сабзи Тоҷикистон маҳсулоти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд мебошад, ки он дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, Хазинаи Иқлими Сабз ва Ҷумҳурии Корея фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд. Барнома тавассути шарикони молиявӣ дар Тоҷикистон барои гузариши он ба иқтисоди сабз бо роҳи ҷудо намудани 25 млн. доллари ИМА дастгирӣ зоҳир менамояд. GEFF Тоҷикистон технологияҳои гуногуни инноватсионии сабзро дастгирӣ менамояд. Барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонед ба сомонаи мо www.ebrdgeff.com/tajikistan ворид шавед ё худ моро дар саҳифаи Facebook дарёфт намоед.

Ин пахши чоруми силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон буд, ки дар ду ҳафта як маротиба шунавонида мешавад. Ба шунавандагон барои таваҷҷӯҳашон изҳори сипос намуда, қайд карданием, ки дар мусоҳибаи навбатии мо дар бораи Технологияи нигоҳдории об бо мо бошед.

Мо инчунин тавсия медиҳем, ки бо худ ниқоб гирифта, масофаи иҷтимоиро риоя намоед. Дар вақти пандемияи коронавирус худ ва наздиконатонро эҳтиёт намоед.

То дидор!.